***“Комсомоли Тоҷикистон”,***
***N 145 (4924),***
***чоршанбе, 11 декабри соли 1968, саҳ. 3***

# Сайқали насиҳат

Фараҳбахш аст, ки Нашриёти давлатии «Ирфон» ба нашри осори мансури халқӣ ва классикӣ беш аз пеш диққат дода истодааст. Дар зарфи чанд соли охир «Гулистон», «Баҳористон», «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва ҷавомеъ-ур-ривоёт», «Гулзори ҳикмат», «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (бо номи «Ҳикоёти латиф»), «Калила ва Димна», «Самаки айёр» барин як қатор китобҳо дастраси хонандагон гардиданд, ки аксари онҳо нахустин бор рӯи нашрро диданд.

Дар ин қарибӣ ба ганҷинаи китобҳои хонандагони баландзавқи тоҷик китоби тозае аз мероси мансури классикии мо зам гардид, ки он «Насиҳатнома»-и Унсуралмаолӣ Кайковус мебошад. Ин китобро, ки аз ҳар ҷиҳат пурфоида мебошад, адабиётшиноси ҷавони боистеъдод А. Девонақулов бо сарсухану тавзеҳот ба чоп омода кардааст.

«Насиҳатнома» (дар гузашта бо номи “Қобуснома» машҳур шуда буд) аз ҷумлаи он китобҳоест, ки дар тӯли асрҳои зиёде (аниқтараш 900 сол) ба мардум панду ахлоқ ва роҳҳои зиндагӣ омӯхтааст.

Китоб бо сарсухани тартибдиҳанда оғоз меёбад, ки дар он чанд хусусияти асар ва муаллифи он баён ёфтааст. Зимнан, бояд гуфт, ки муқаддима аз ҳад зиёд мухтасар (ҳамагӣ ду саҳифа) буда, ба хонанда аз хусуси чигунагии китоб, хусусиятҳои ғоявию мундариҷавӣ ва адабию бадеии он, аз шахсияти соҳиби асар маълумоти басанда дода наметавонад.

Ҳамон навъе ки худи Унсуралмаолӣ Кайковус дар дебочаи асараш қайд мекунад, «Насиҳатнома» аз 44 боб иборат будааст. Вале

мураттиб онро ихтисор намуда, аз он танҳо 28 бобро интихоб карда, аз онҳо низ баъзе ҷойҳоро партофта ба табъ расонидааст. Чунин рафтори тартибдиҳанда асосан дуруст аст, зеро дар мурури ин 900 сол қисме аз фикрҳои нависанда кӯҳна шудаанд.

«Насиҳатнома» пеш аз ҳама асари панду ахлоқӣ буда, он дар хусуси соҳаҳои гуногуни зиндагӣ сабақҳои фоидабахш медиҳад. Чунончӣ: «Агар ба мол дарвеш гардӣ, ҷаҳд кун, то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии хирад беҳтар аз тавонгарии мол бувад, чи ба хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад ҳосил натавон кард».

Дар саҳифаҳои китоб ин қабил ҳикматҳои ибратомӯз басо дарҷ гаштаанд. Агар дурусттар диққат карда шавад, маълум мегардад, ки пандҳои ин асар дар гирумони зиндагӣ санҷидашуда буда, касро ба некию накукорӣ ва некномӣ талқин менамоянд. Масалан; “Дод бидеҳ, то дод ёбӣ ва хуб гӯй, то хуб шунавӣ”, ва “Некӣ куну некӣ фармой, ки ин ду бародаранд, ки пайвандашон замона нагсаланд». Ё худ: «Ҳунар омӯз ва аз омӯхтану сухани нек шунидан нанг мадор, то аз нанг бираста бошӣ”. Дигар: «Ҷаҳд кун, то сутудаи халқон бошӣ ва нигар, то сутудаи ҷоҳилон набошӣ”.

Дар ҳақиқат, масъалаҳои гармоба рафтану хуфтан аз масъалаҳои майдаю назарногири зиндагӣ менамоянд, вале онҳо аз шартҳои муҳимми покизагию саломатӣ ба шумор мераванд. Масалан, суханони зерини Кайковус, ки ба тандурустию покӣ ва беҳбудии зиндагӣ далолат мекунанд, имрӯз ҳам аҳамияти хеле калони тарбиявӣ доранд; “Бисёр хуфтан одати носутудаест, танро коҳил кунад ва табъро шӯрида кунад ва сурати рӯйро аз ҳол ба беҳолӣ барад». Ё худ; «... Ҷаҳд бояд кард, то бештар умр дар бедорӣ гузорӣ ва кам хуспӣ, ки бисёр хуфтан моро андар пеш аст». Инчунин; “Лекин пагоҳ хестан одат бояд кард, чунон ки пеш аз офтоб баромадан бархезӣ” ...

Баъд аз он, ки арбоби бузурги давлати Исмоили Сомонӣ ба муқобили аҷнабиёни арабу турк қиём бардошта, давлати тоҷиконро

барпо кард ва барои инкишофи илму адаб шароит муҳайё намуд, устод Рӯдакӣ дар асри X дар заминаи осори парокандаи шоирони гузашта ба забони ҳозираи тоҷикӣ бинои мӯҳташами шеърро гузошт. Ҳарчанд намунаҳои аввалини насри тоҷику форс низ дар ҳамин асри X ба миён меоянд, вале насри комилу пухтаи бадеӣ асосан дар асри XI зуҳур мекунад, ки «Сафарнома»-и Носири Хисрав, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Насиҳатнома» ва ғайра аз қабили онҳоянд.

Аммо дар ин асарҳо, аз ҷумла дар «Насиҳатнома» низ аз ҷиҳати сабк ҳамон нишонаҳои сабки соддабаёнии замони Рӯдакӣ равшан намудоранд. Кайковус ҳам ба мисли дигар адибон барои тақвияти фикр ва барои муҷассаму возеҳтар ба хонанда намоиш додани мақсад ҳикояту ривоят ва шеърҳои зиёде овардааст, аз ҳикматҳои халқӣ фаровон истифода бурдааст.

“Насиҳатнома»-ро аз хусуси забону услуб аз барҷастатарин асарҳои насрии классикӣ шумурдан равост. Забону тарзи баёни ин асар равон, мӯъҷаз, пурмаъно ва то андозае соддаю фаҳмо мебошад.

Аз ин рӯ, ин ҳадяи «Ирфон» барои хонандагон, муаллимон, муҳаққиқони забону услуб, махсусан барои ононе, ки аҳли қаламанд (адибону журналистон) ва инчунин барои ҳар касе, ки толибу шефтаи забони ширини дарии тоҷикӣ мебошад, тӯҳфаи бебаҳоест.

**М. РАҲИМДОД**

"Комсомоли Тоҷикистон"
№145(4924), чоршанбе 11 декабри соли 1968, саҳ. 3

КИТОБИЁТ

# Сайқали насиҳат

Фараҳбахш аст, ки Нашриёти давлатии «Ирфон» ба нашри осори мансури халқӣ ва классикӣ беш аз пеш диққат дода истодааст. Дар зарфи чанд соли охир «Гулистон», «Баҳористон», «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт», «Гулзори ҳикмат», «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (бо номи «Ҳикоёти латиф»), «Калила ва Димна», «Самаки айёр» барин як қатор китобҳо дастраси хонандагон гардиданд, ки аксари онҳо нахустин бор рӯи нашрро диданд.

Дар ин қарибӣ ба ганҷинаи китобҳои хонандагони баландзавқи тоҷик китоби тозае аз мероси мансури классикии мо зам гардид, ки он «Насиҳатнома»-и Унсуралмаолӣ Кайковус мебошад. Ин китобро, ки аз ҳар ҷиҳат пурфоида мебошад, адабиётшиноси ҷавони боистеъдод А. Девонақулов бо сарсухану тавзеҳот ба чоп омода кардааст.

«Насиҳатнома» (дар гузашта бо номи «Кобуснома» машҳур шуда буд) аз ҷумлаи он китобҳоест, ки дар тӯли асрҳои зиёде (аниқтараш 900 сол) ба мардум панду ахлоқ ва роҳҳои зиндагӣ омӯхтааст.

Китоб бо сарсухани тартибдиҳанда оғоз меёбад, ки дар он чанд хусусияти асар ва муаллифи он баён ёфтааст. Зимнан, бояд гуфт, ки муқаддима аз ҳад зиёд мухтасар (ҳамагӣ ду саҳифа) буда, ба хонанда аз хусуси чигунагии китоб, хусусиятҳои ғоявию мундариҷавӣ ва адабию бадеии он, аз шахсияти соҳиби асар маълумоти басанда дода наметавонад.

Ҳамон навъе ки худи Унсуралмаолӣ Кайковус дар дебочаи асараш қайд мекунад, «Насиҳатнома» аз 44 боб иборат будааст. Вале мураттиб онро ихтисор намуда, аз он танҳо 28 бобро интихоб карда, аз онҳо низ баъзе ҷойҳоро партофта ба табъ расонидааст. Чунин рафтори тартибдиҳанда асосан дуруст аст, зеро дар мурури ин 900 сол қисме аз фикрҳои нависанда кӯҳна шудаанд.

«Насиҳатнома» пеш аз ҳама асари панду ахлоқӣ буда, он дар хусуси соҳаҳои гуногуни зиндагӣ сабақҳои фоидабахш медиҳад. Чунончи: «Агар ба мол дарвеш гардӣ, ҷаҳд кун, то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии хирад беҳтар аз тавонгарии мол бувад, чи ба хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад ҳосил натавон кард».

Дар саҳифаҳои китоб ин қабил ҳикматҳои ибратомӯз басо дарҷ гаштаанд. Агар дурусттар диққат карда шавад, маълум мегардад, ки пандҳои ин асар дар ғирумони зиндагӣ санҷидашуда буда, касро ба некию накӯкорӣ ва некномӣ талқин менамоянд. Масалан; «Дод бидеҳ, то дод ёбӣ ва хуб гӯй, то хуб шунавӣ», «Ва некӣ куну некӣ фармой, ки ин ду бародаранд, ки пайвандашон замона нагсаланд». Ё худ; «Ҳунар омӯз ва аз омӯхтану сухани нек шунидан нанг мадор, то аз нанг бираста бошӣ». Дигар: «Ҷаҳд кун, то сутудаи халқон бошӣ ва нигар, то сутудаи ҷоҳилон набошӣ».

Дар ҳақиқат, масъалаҳои гармоба рафтану хуфтан — аз масъалаҳои майдаю назарногири зиндагӣ менамоянд, вале онҳо аз шартҳои муҳимми покизагию саломатӣ ба шумор меравад. Масалан, суханони зерини Кайковус, ки ба тандурустию покӣ ва беҳбудии зиндагӣ далолат мекунанд, имрӯз ҳам аҳамияти хеле калони тарбиявӣ доранд; «Бисёр хуфтан одати носутудаест, танро коҳил кунад ва табъро шӯрида кунад ва сурати рӯйро аз ҳол ба беҳолӣ барад». Ё худ;«...Ҷаҳд бояд кард, то бештар умр дар бедорӣ гузорӣ ва кам хуспӣ, ки бисёр хуфтан моро андар пеш аст». Инчунин; «Лекин пагоҳ хестан одат бояд кард, чунон ки пеш аз офтоб баромадан бархезӣ»...

Баъд аз он, ки арбоби бузурги давлатӣ Исмоили Сомонӣ ба муқобили аҷнабиёни арабу турк қиём бардошта, давлати тоҷиконро барпо кард ва барои инкишофи илму адаб шароит муҳайё намуд, устод Рӯдакӣ дар асри X дар заминаи осори парокандаи шоирони гузашта ба забони ҳозираи тоҷикӣ бинои муҳташами шеърро гузошт. Ҳарчанд намунаҳои аввалини насри тоҷику форс низ дар ҳамин асри X ба миён меоянд, вале насри комилу пухтаи бадеӣ асосан дар асри XI зуҳур мекунад, ки «Сафарнома»-и Носири Хисрав, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Насиҳатнома» ва ғайра аз қабили онҳоянд.

Аммо дар ин асарҳо, аз ҷумла дар «Насиҳатнома» низ аз ҷиҳати сабк ҳамон нишонаҳои сабки соддабаёнии замони Рӯдакӣ равшан намудоранд. Кайковус ҳам ба мисли дигар адибон барои тақвияти фикр ва барои муҷассаму возеҳтар ба хонанда намоиш додани мақсад ҳикояту ривоят ва шеърҳои зиёде овардааст, аз ҳикматҳои халқӣ фаровон истифода бурдааст.

«Насиҳатнома»-ро аз хусуси забону услуб аз барҷастатарин асарҳои насрии классикӣ шумурдан равост. Забону тарзи баёни ин асар равон, мӯъҷаз, пурмаъно ва то андозае соддаю фаҳмо мебошад.

Аз ин рӯ, ин ҳадьяи «Ирфон» барои хонандагон, муаллимон, муҳаққиқони забону услуб, махсусан барои онон, ки аҳли қаламанд (адибону журналистон) ва инчунин барои ҳар касе, ки толибу шефтаи забони ширини дарии тоҷикӣ мебошад, тӯҳфаи бебаҳоест.

**М. РАҲИМДОД.**